**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шодиён Муҳаммад Султонзода**

**________________**

**________________ соли 2019**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Камолова Гадобегим Раҳимовна дар мавзӯи «Асосҳои лингводидактикии таълими пунктуатсия ва нақши он дар саводнокии нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик)**

Диссертатсия дар мавзӯи "Асосҳои лингводидактикии таълими пунктуатсия ва нақши он дар саводнокии нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ» ба таҳқиқи системаи муайяни аломатҳои китобат ва барои ҷудо кардани ҳудуди калима, ибора ва ҷумлаҳо, дарки дурусту ҳадафноки матн, нақши онҳо дар нутқи хаттӣ, равшану возеҳ гардонидани маъно ва тарзҳои ифодаи нутқ бахшида шудааст.

Аҳамияти муҳимми аломатҳои китобат дар он аст, ки моҳияти мантиқиву синтаксисии калима, таркиб, ибора ва ифодаҳои мухталифро ба қадри зарурӣ таъмин намуда, бо дигар унсурҳои нутқ ҳангоми нутқи таҳририӣ барои ифодаи фикру ҳиссиёт ва дарки мазмуни нутқи хаттии хонандагон хизмат мекунанд. Дар диссертатсия зикр шудааст, ки маъноҳои мухталифе, ки дар навишт сабт мешаванд, танҳо тавассути аломатҳои китобат пурра фаҳмида намешаванд, балки оҳанги гуфтор, ки низ барои дарки пурраи гуфтор мусоидат менамояд. Оҳанги гуфтор тибқи меъёрҳои муайянгардида дар хат тавассути аломатҳои гуногуни китобат ифода меёбад, ки таҳлилу таҳқиқи онҳо вазифаи асосии пунктуатсия маҳсуб мешавад.

Дар нутқи шифоҳӣ ист, оҳанг ва интонатсияро тобишҳои маъноӣ гуфтан мумкин аст, аммо ҳамаи тобишҳои маъноиро дар нутқи шифоҳӣ аломатҳои китобат нишон дода наметавонанд. Аломатҳое, ки дар нутқи хаттӣ байни калимаҳо ё гурӯҳи калимаҳо гузошта мешаванд, маҷмӯи қоидаҳоро оид ба истеъмоли аломатҳо дар ист, интонатсия ва пунктуатсияро фароҳам меоварад. Ҳамчунин зикр мегардад, ки барои дарки дурусти мақсади гӯянда хат нақши асосӣ мебозад. Дар хат дуруст ва дар мавқеи худ гузаштани аломатҳо барои он муҳим аст, ки хонанда аз рӯйи он дарк кунад, ки нависанда дар кадом ҳолат ва мақсад қарор дорад. Шахс ҳангоми хониш бояд ба аломатҳо диққати ҷиддӣ дода, онҳоро риоя кунад, то ин ки мақсади нависанда муайян гардад. Аломатҳои китобат, аз як тараф, дар асоси интонатсия ба вуҷуд биёянд, аз тарафи дигар, дар асоси воҳидҳои лексикӣ ва грамматикӣ, ба воситаи сохти муайяни ҷумлаҳо, яъне мазмунҳои гуногуни нутқ ба вуҷуд меоянд. Онҳо дар ҳамоҳангӣ ба дигар паҳлуҳои забон (мазмун, услуб, имло…) нутқи таҳрирӣ ва шифоҳиро сайқал медиҳанд. Аломатҳои китобат, аз як тараф, дар асоси интонатсия ба вуҷуд биёянд, аз тарафи дигар, дар асоси воҳидҳои лексикӣ ва грамматикӣ, ба воситаи сохти муайяни ҷумлаҳо, яъне мазмунҳои гуногуни нутқ ба вуҷуд меоянд. Онҳо дар ҳамоҳангӣ ба дигар паҳлуҳои забон (мазмун, услуб, имло…) нутқи таҳрирӣ ва шифоҳиро сайқал медиҳанд. Аз ин рӯ, омӯзиши аломатҳои китобат мақсаднок буда, дониши хонандагонро аз ҳар ҷиҳат мукаммал мегардонад. Дар асоси таҳқиқи мазкур омӯзишу баррасии асосҳои лингводидактикии таълими пунктуатсия ва нақши он дар саводнокии нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ аҳамияти муҳим дошта, онро ҳаматарафа баррасӣ намудан барои шинохтану дақиқ кардани сатҳи саводнокӣ ва амиқ омӯхтани аломати китобат ҳангоми омӯзиши забони тоҷикӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ мусоидат мекунад.

Бояд зикр кард, ки навгонии илмии тадқиқ дар он аст, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии аломатҳои китобат, навъ ва хусусиятҳои он, равиши таълим, шиносоӣ бо аломатҳои китобат, истифодаи дурусти онҳо дар нутқ ва мукаммалтар кардани системаи тому яклухти таълими забони модарӣ (тоҷикӣ) таҳлилу арзёбӣ мегардад ва мушаххасоти он муайян нишон дода мешавад.

Дар диссертатсия бори аввал ин мавзӯъ таҳқиқ шуда, дар заминаи таҳлили барнома ва китобҳои дарсӣ дар робита бо масъалаҳои омӯхтани аломатҳои китобат, мушоҳидаи дарсҳои муаллимон, талаффуз ва сифати хониши талабагон, таҳлили корҳои хаттии онҳо вобаста ба истифодаи аломатҳои китобат, тарз ва воситаҳои самараноки омӯхтани аломатҳои китобат, ки аз озмоиши таълимӣ гузаштаанд, сурат гирифтааст. Муаллиф масъалаҳои умумии назарии истфодаи аломатҳои китобат, навъ ва хусусиятҳои онро дар ҳудуди мушаххас таҳлилу баррасӣ намуда, оид ба муайян кардани вижагиҳои таълими ҳар як аломати китобати забони тоҷикӣ, дарку ҳалли огоҳонаи масъалаҳое, ки ба муаллимону хонандагон ҳамчун роҳнамо пешниҳод шудаанд, таҳқиқ ва собит сохтани моҳияти аломатҳои китобат дар якҷоягӣ бо дигар унсурҳои забон (калима, шаклҳои грамматикии калима ва сохти синтаксисӣ), коркард ва санҷишу озмоиши системаи методии ташаккули саводи пунктуатсионии хонандагон ҳангоми таълими ҳамаи унсурҳои забон таҳқиқи тоза анҷом додааст.

Рисолаи мавриди тақриз аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 179 саҳифаи компютериро фаро гирифта, чун замима дар рисола 5 нақша ва 21 ҷадвал ҷой дода шудааст.

Дар муқаддима муҳиммият, навоварии илмию аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзӯъ асоснок карда шуда, объекту предмет ва мақсаду вазифаҳои таҳқиқ муайян гардидаанд. Фарзияҳо, асосҳои методологӣ ва методҳои таҳқиқ, аҳамияти назарияиву амалии натоиҷи таҳқиқ пешниҳод ва масъалаҳои асосии диссертатсия ба таври мушаххас нишон дода шудаанд.

Боби якум «**Асосҳои назариявии таълими аломатҳои китобат дар мактаб**» унвон дошта, аз чаҳор фасл таркиб ёфтааст. Дар фасли аввал, ки бо унвони «**Вазифа, таъйинот ва аҳаммияти истифодаи аломатҳои китобат дар муассисаи таҳсилоти умумӣ**» ёд мешавад, оид ба аломатҳои китобат, вазифаҳои онҳо дар нутқи хаттию шифоҳӣ, заруруату аҳамияти истифодаи аломатҳои китобат, аҳамияти истифодаи бомавқеи аломатҳои китобат барои дарки дурусту пурраи мақсади соҳибсухан ва аҳамияту нақши аломатҳои китобат дар инкишофи нутқи хаттию шифоҳии хонандагон маълумот дода шудааст. Таъкид мегардад, ки мақсади асосии МТМУ тарбияи шахсияти хонандагон, аз ҷумла инкишоф додани нутқу тафаккури онҳо мебошад. Дар нутқ на танҳо

маъно, инчунин ҳиссиёти шахс низ ифода меёбад. Одам чигунагии ҳиссиёти ботинии худро дар зада, ист, интонатсия ифода карда, нигоришҳои хаттӣ ба воситаи аломатҳои китобат ишора мекунад. Аз ин рӯ, онҳоро ба 2 гурӯҳ ҷудо мекунанд: 1. Аломатҳои ҷудокунанда: тире, қавсҳо, нохунак; 2.Аломатҳои фарққунанда: нуқта, вергул, нуқтавергул, савол, хитоб, баён ва сенуқта (мулнуқта).

Мақсади асосии омӯзиши аломатҳои китобат, пеш аз ҳама, дар он аст, ки нутқи хонандаро инкишоф диҳад ва савияи донишу саводнокии онҳоро баланд бардорад. Дар қатори омӯзонидани мавзӯи асосии грамматика омӯзгор бояд ба хонандагон дар хусуси истифодаи дурусти аломатҳои китобат низ маълумот дода, ба ин васила нутқи хаттӣ ва шифоҳии онҳоро инкишоф диҳад. Яъне методика ва кори омӯзгорон оид ба мавридҳои истифодаи аломатҳои китобат фаъол ва мунтазам аст. Чи дар барномаи таълим ва чи дар китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ ба аломатҳои китобат ва истифодаи онҳо дар доираи имконият ва дараҷаи фаҳму дарки мактабиёни хурдсол диққати махсус дода мешавад. Таълими аломатҳои китобат дар синфҳои V-IX дар робита ба омӯхтани маводи грамматикӣ, ба андешаи мо, бояд бо ду тарз ва системанок сурат гирад. Дар мавриди аввал, хонандагон вобаста ба мавзӯъҳои дастури забон бо даҳ аломати китобат: нуқта, вергул, савол, хитоб, мулнуқта, нуқтавергул, баён, тире, қавс, нохунак шинос шуда, мавқеи истифодаи онҳоро аз худ мекунад. Мавриди дуюм, ба матн ва ё ҷумлаҳои алоҳида вобаста аст. Дар матну мисолҳо кадом аломати китобатие дучор ояд, мавқеъ ва вазифаи онро, албатта, дар вақти тавзеҳ хотиррасон кардан лозим меояд.

Дар фасли дуюм – «**Принсипҳои методии таълими аломатҳои китобат дар мактаб**», таъкид мегардад, ки дар методи назариявии омӯзиши забони тоҷикӣ, баробари принсипҳои умумии дидактика ба принсипҳои хоси методикаи таълими аломатҳои китобат такя мекунанд.

1. Принсипи таҳлили хелҳои гуногуни ҷумла, инчунин маъноҳои калима ва алоқаи синтаксисии байни аъзоҳои ҷумла. Ба ин принсип омӯзиши дарсҳои боби синтаксис дар мактаб алоқаи бевосита дорад.

2. Принсипи инкишофи нутқи шунавоии хонандагон. Забономӯзӣ ба гуфтану шунидан ва хондан вобаста аст. Бинобар ин, зарурияти принсипи инкишофи нутқи шунавоӣ ҳангоми хониш, риоя кардани интонатсия, зада,

ист, оҳанги гуфтор (баланд ва пастшавии овоз) барои фикррони ва ифодаи маъни ба миён меояд. Нутқи шунавои, пеш аз ҳама, барои фаҳмидану ифода намудани маъно, ҳамчунин дар алоқа бар он баҳри хубтар дарк намудани маънои воҳидҳои синтаксис, қонуну қоидаи пунктустсия ва омӯзиши забони овозӣ хизмат мекунад.

3. Принсипи ифоданок «хондани» аломатҳои китобат. Дар нутқи шифоҳӣ риоя кардан ба аломатҳои китобат ва тарзи ҷойгузинии онҳо ба мо имконият медиҳад, ки ифоданок талаффуз намоем, мазмуни ҷумла ва матнро дуруст фаҳмем. Дониши пунктуатсионӣ на танҳо нутқронӣ ва фикрронии моро инкишоф медиҳад, ҳамчунин дар нутқи хаттӣ ва хондани матн ҷиҳати дурусту бехато навиштан барои хонандагон воситаи хубе хоҳад буд.

Дар фасли сеюм, ки бо унвони «**Мавқеи таълими аломатҳои китобат дар барнома, китобҳои дарсӣ ва корҳои илмию методӣ**» зикр гардидааст, ёдрас мегардад, ки барнома ҳуҷҷатест, ки ҳаҷм, дониш, пайдарпайӣ ва мазмуни корҳои амалию назариявии омӯзгорро нишон медиҳад ва он дар дасти омӯзгор ба сифати раҳнамое мебошад, ки кори таълиму тарбияро ба низом медарорад. Ба масъалаи омӯзиши аломатҳои китобат дар барномаи забони тоҷикӣ (2002) аҳамияти ҷиддӣ дода шуда, қариб дар ҳар як мавзӯъ, ҷо-ҷо нишон додани нақши аломатҳои китобат мушоҳида мешавад. Аз ин ҷо бармеояд, ки ин барнома аз бисёр ҷиҳат аз барномаҳои пешин фарқи ҷиддие дорад. Ба қавли профессор С. Шербоев: "Дар солҳои охир ҳам гоҳ-гоҳ роҳ ёфтани нуқсонҳо" дар барнома ҷой дошта бошад ҳам, ба ҳар ҳол ин камбудиҳо дар нашри мазкур хеле рафъ ёфтаанд. Китоби дарсӣ мувофиқи барнома навишта шуда, ба таври илмӣ, амиқ, мухтасар ба шакли мунтазам ифода кардани ҳамаи маводи таълимро таъмин менамояд.

Фасли чоруми боби якум «**Метод, тарз ва воситаҳои таълими аломатҳои китобат**» ном дошта, дар ин фасл оид ба истифодаю самаранокии методу тарз ва воситаҳои омӯзиши аломатҳои китобат дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маълумот дода шуда, натиҷаҳои озмоиш дар муассисаҳои таҷрибавӣ пешниҳод гардидааст. Зикр мегардад, ки методҳои омӯзиш, пеш аз ҳама, ба се мақсад: дониши назариявӣ додан, инкишофи донишу малака ва тарбия равона карда мешаванд. Ягонагии омӯзиши назариявӣ, инкишоф додани дониш ва тарбия принсипҳои асосӣ дар ҷараёни таълим дар мактабҳо ба шумор

мераванд. Муҳаққиқ зикр мекунад, ки таълими дастури забонро набояд дар доираи ду метод маҳдуд кард. Дар таълими забони модарӣ методҳои гуногун истифода бурда шаванд, аз ҷумла, методҳои тавзеҳ (фаҳмондан), баёни омӯзгор (ахборотӣ), суҳбат, мушоҳида, муқоиса, кори мустақилона, кор бо китоб, методҳои проблемавӣ ва ҷустуҷӯӣ-тадқиқотӣ ба фоидаи кор хоҳад буд.

Боби дувуми диссертатсия «**Аспектҳои методии кор бо аломатҳои китобат ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои алоҳидаи ҷумлаҳои сода**» ном дошта, аз се фасл иборат аст. Фасли якум «**Таълими аломатҳои китобатие, ки дар охири ҷумла меоянд**» ном дошта, фарогири масоили марбут ба мақсаду мавридҳои истифодаи се аломат: нуқта, савол, хитоб ва методу усулҳои босамари таълими онҳост.

Фасли дуюми боби дуюм «**Таълими аломатҳои китобате, ки дар таркиби ҷумлаҳо меоянд**» ном дошта, фарогири маълумот оид ба тарзу усулҳои муассири таълими ин гурӯҳи аломатҳои китобат мебошад. Қоидаи пунктуатсия, пеш аз ҳама, ҷудо намудани калимаву таркибҳоро дар дохили ҷумла ва ҷудо намудани ҷумлаҳоро дар матн ба назар мегирад. Вобаста ба интонатсия (оҳанг)-и гуфтор дар таркиби ҷумла аломатҳои муайяни китобат, аз қабили вергул, нуқтавергул, тире, баён, мулнуқта ва нохунак корбаст мешаванд. Албатта, ҳар яке аз ин аломатҳо вазифаҳои хос дошта, мавридҳои муайяни корбаст доранд.

Фасли сеюми ҳамин боб "**Истифодаи аломатҳои китобат ҳангоми омӯзиши мухотаб ва воҳидҳои туфайлӣ**" ном дорад**.** Мухотаб аз аъзои дигари ҷумла, маъмулан, бо аломати вергул ва ё аломати хитоб ҷудо карда мешавад. Таҳлили оморӣ нишон медиҳад, ки аломати вергул нисбат ба аломатҳои дигар чи дар асарҳои бадеӣ ва чи илмӣ аз ҳама зиёдтар истифода мешавад. Аз ин рӯ, таълими он ҳанӯз аз синфҳои ибтидоӣ ҷиддӣ таъкид ёфтааст.

Боби сеюми рисола «**Таълими истифодаи аломатҳои китобат ҳангоми омӯзиши нутқи айнан нақлшуда ва ҷумлаҳои мураккаб**» буда, аз ду фасл таркиб ёфтааст. Дар фасли якуми он "**Истифодаи аломатҳои китобат ҳангоми омӯзиши нутқи айнаннақлшуда**" масъалаҳои марбут ба барномаи таълимии мавзӯи мазкур дар ду синф (синфи V ва VI) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Фасли дуюм "**Истифодаи аломатҳои китобат ҳангоми омӯзиши ҷумлаҳои мураккаб**" ном дошта, дар ин бахш истифодаи аломатҳои ист дар

таркиби ҷумлаҳои мураккаб мавриди таҳлилу тасвир қарор гирифта, он аз ду қисмат таркиб ёфтааст. Аз мушоҳидаҳои диссертант бармеояд, ки таълими истифодаи аломатҳои китобат ҳангоми омӯзиши нутқи айнан нақлшуда ва ҷумлаҳои мураккаб хонандагон фарқ дар байни ҷумлаҳои сода, ки аъзоҳои чида тавассути пайвандакҳои ва, -у (-ю), аммо, вале, лекин (ва монанди инҳо) пайваст мешаванд ва ҳамин пайвандакҳо боз дар таркиби ҷумлаҳои пайваст вомехӯранд, гузошта наметавонанд. Чунин навъи кор, ки ба воситаи методҳои муқоисавӣ гузаронида мешавад, фаҳмиши хонандагонро ба қоидаҳои пунктуатсионӣ боз ҳам мустаҳкамтар намуда, раванди таълимро осон ва сода мегардонад. Масъалаи дигаре, ки бевосита ба он таваҷҷуҳ намудани омӯзгор зарур аст, ин мавридҳои истифодаи аломати тире (–) дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст мебошад. Боз таъкид мекунад, ки мақсади асосии омӯзонидани ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ иборат аз он аст, ки хонандагон оид ба сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ва истифодаи пайвандакҳои тобеъкунанда дар дохили ҷумлаи мураккаби тобеъ маълумот пайдо кунанд. Барои ноил шудан ба ин мақсад омӯзгорро лозим аст, ки бо истифодаи роҳу усулҳои методӣ, ташкили воситаҳои аёнӣ (аз ҷумла нақшаҳо, ҷадвалҳо ва монанди инҳо) дониши хонандагонро оид ба мавридҳои корбурди аломатҳои китобат дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ мустаҳкам намояд.

Дар хулосаи диссертатсия муаллиф натиҷаҳои таҳқиқашро дар 10 банд ҷамъбаст намуда, барои беҳбуди самти таҳлил 6 пешниҳодро манзур намудааст, ки ҷолиби диққат аст.

Рӯйхати адабиёти илмӣ фарогири адабиёти зарурӣ буда, миқдораш 175 ададро ташкил медиҳад.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили корҳои таҳқиқотии минбаъдаи муаллиф муфид хоҳанд буд:

1.Чун мавзӯи таҳқиқшуда дар бобати методикаи таълими забони тоҷикӣ омода гардидааст, хуб мешуд доир ба вазъи омӯзиши методикаи забони тоҷикӣ фасле бахшида мешуд.

2. Ба манфиати кор мебуд, агар ҳамчун замима маводи баррасишудаи таҳқиқот дар диссертатсия ҷой дода мешуд.

3. Дар тартиби дастгоҳи илмии диссертатсия заҳмати зиёд сарф гардида, бо нишон додани номи сарчашма, муаллиф, соли нашр, ҷилд ва саҳифаи истифодашуда [Забони тоҷикӣ, 2008, С. 8], [Муҳаммадиев 1993, с. 225] оварда шудааст. Тарзи бисёр содаи он бо нишон додани рақами тартибии алифбо ва саҳифаи истифодашудаи он мебошад. Дар диссертатсия ҳамин тартиб риоя нагардидааст.

4. Номи адибоне, ки аз осори онҳо мавод барои тақвияти фикр оварда шудааст, хуб мешуд чун ихтисора дар охири рисола оварда мешуд.

5. Истифодаи диаграмма, схема ва таблитсаҳо дар диссертатсия ва автореферарати диссертатсия ба таври фаровон истифода шудааст, вале, мутаассифона, баъзе аз онҳо рақамгузорӣ ва номгузорӣ нашудаанд.

6. Дар кори диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва иштибоҳоти техникӣ ба назар мерасад (ниг. ба саҳ. 12, 16, 27, 29, 34, 38, 41, 106 ва ғ.), ки дар оянда ислоҳ намудани онҳо ба ҳусну қубҳи кор неруи дигаре зам хоҳад намуд.

7. Дар диссертатсия ва автореференат баъзе мафҳумҳо, аз ҷумла “мактабиён” // “хонандагон” ва “мактаб” // “муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” дар ду шакл оварда шудаанд. Тибқи санадҳои меъёрии соҳаи маориф имрӯз мафҳумҳои “хонанда” ва “МТМУ” ба ҳайси истилоҳ роиҷ гардидаанд.

Албатта, ин камбудиҳо он арзиши илмӣ ва амалиеро, ки диссертатсияи илмии Камолова Гадобегим Раҳимовна дар мавзӯи «Асосҳои лингводидактикии таълими пунктуатсия ва нақши он дар саводнокии нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ» дорад, ба ҳеҷ ваҷҳ кам нахоҳад кард.

Маводи назариявию амалии диссертатсия барои таҳияи асарҳои монографӣ, навиштани китобҳо ва дастурҳои таълимӣ доир ба таърихи имлои забони тоҷикӣ, аломати китобат ва хондани курсу семинарҳои махсус ва тартиб додани луғатҳои орфографию соҳавӣ аҳамияти калон дорад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопкардаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Камолова Гадобегим Раҳимовна дар мавзӯи «Асосҳои лингводидактикии таълими пунктуатсия ва нақши он дар саводнокии нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ» ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02–Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик) мебошад.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои педагогика, дотсент Маҳмадалиев Саймумин Ғуломович омода гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав суратҷаласаи № 01, аз 28.08.2019 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

**Мудири кафедраи**
**методикаи таълими забон ва**
**адабиёти тоҷики ДДБ ба номи**
**Носири Хусрав, номзади илмҳои**
**педагогӣ, дотсент** **Маҳмадалиев Саймумин Ғуломович**

**Суроға:** 735140, ҶТ, вилояти Хатлон,
ш. Бохтар, хиёбони Айнӣ, 67. тел.: 992-32222) 2-45-20, 2-22-53,
e-mail: ktsu78@mail.ru. web-сайт: www.btsu.tj

Имзои дотсент Маҳмадалиев Саймумин Ғуломовичро тасдиқ мекунам.

**Сардори шуъбаи кадрҳои ДДБ**
**ба номи Носири Хусрав** **А. Амиршоев**

____ 08 ________ соли 2019